**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-004 дар назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Солеҳзода Ашурбой Абдулвоҳид ба диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешниҳод карда шудааст.**

## 1. Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон энергетика яке аз соҳаҳои афзалиятноки таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди хеш, охирин баҳри таъмини ҳаёти созгор ва осоиштаи ҳар як сокини мамлакат имконоти заруриро фароҳам месозад.

Ёдрас бояд шуд, ки баҳри рушди чунин соҳаи барои иқтисодиёти мамлакат бениҳоят муҳим фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо масъалаи калидӣ маҳсуб меёбад. Дар чунин шароит афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва маблағҳои пасандозҳои дохилӣ ба даст меояд. Ноилгардӣ ба ҳадафи мазкур дар ҳолати баланд шудани сатҳи рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт, мустаҳкам гардидани суботи макроиқтисодӣ, инчунин рушди самаранок ва амиқи бахши молиявӣ ба вуқуъ меояд.

Дар баробари мубрамияти масоили болозикр дар марҳилаи муосири инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи стратегияи амнияти энергетикӣ муҳим ва самти афзалиятноки рушди

иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад, ки аз муҳиммияти мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар баробари таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи масоили фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба комплекси энергетикӣ аз ҷониби муҳаққиқону олимони ватаниву хориҷӣ, ҷанбаҳои баҳсталаб ва дар баъзе ҳолатҳо мухолифат дар равишҳои ҳалли масоили ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, хусусан ба соҳаи энергетикаи мамлакат ҷой доранд.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Набиев Баҳодур Аҳмадович, яъне "Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон" масъалаи илмӣ-амалии хеле мубрами иқтисодиёти мамлакат мебошад.

**2. Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили сармоягузорӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳлил ва синтез ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**3. Эътиборнокии натиҷаҳои таҳқиқот ва навгониҳои илмии диссертатсия**

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи консепсияи танзими давлатие, ки такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва коркарди пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати муайян ва истифода намудани имконоти танзими раванди сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии кишвар иборат аст.

Натиҷаҳои илмии нисбатан муҳимме, ки муаллифи диссертатсия мустақиман ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

1. Дар диссертатсия асоси таҳлили таҳқиқоти илмӣ, шарҳи муаллифӣ оид ба ба мафҳуми «ҷалби сармоягузорӣ» дода шудааст, ки он ҳамчун меъёрҳои умумӣ оид ба танзими сармоягузорӣ, истифодаи захираҳои сармоягузорӣ барои гирифтани даромад аз ҳисоби неруи табии–захиравӣ, ки аз суръату сатҳи энергияи баркӣ вобаста аст;

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ модели нақшавии мукаммалсозии механизми ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, шароити фароҳамкунандаи таъсири дуҷонибаи принсипҳои асосӣ, критерияҳо, воситаҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси танзими низоми идоракунии равандҳои ҷалби сармоягузорӣ, истифодаи фоиданоку мақсадноки неруи табиӣ-захиравӣ, молиявию-сармоягузорӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таҳия гардидааст;

3. Дар кори диссертатсионӣ вобаста ба баҳогузории ҳолати муосири комплекси энергетикии ҷумҳурӣ, сабабҳои паст будани даромаднокии захираҳои сармоягузорӣ ҳамчун соҳаи муҳим бо неруи баланди рушд, ошкор карда шудааст. Инчунин муайян карда шудааст, ки ҳисобӣ кардани он имкон медиҳад, параметрҳои сармоягузорӣ дар асоси коркард ва амалишавии барномаҳои стратегии рушди секторҳои сармоягузорӣ самарабахш гардад;

4. Дар диссертатсия самтҳои асосии мукаммалсозии танзими ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, дар асоси ташкили шароити мусоиди истифодаи неруҳои сармоягузории соҳаҳо ва баланд

бардоштани сатҳи фаъолнокии сармоягузории корхонаҳо, корхонаҳои энергетикӣ муайян карда шудаанд.

5. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия роҳҳои мукаммалсозии сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузории комплекси энергетикӣ, дар асоси рушди ташкилотҳои қарзии кишвар ва ҷалби онҳо ба ин соҳа, муқаррар карда шудаанд. Дар ин асос механизми ҳавасмандгардонии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ва нерӯи сармоягузории соҳаҳо таҳия карда шудааст;

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ даромаднокӣ ва натиҷабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, дар ин замина мониторинги ҷалби сармоягузорӣ ба мақсади нисбатан даромаднок истифода намудани неруи гидроэнергетикӣ ва иҷро намудани вазифаҳои стратегии рушди устувори иқтисодӣ, анҷом дода шуда, шароитҳои иҷтимоиву иқтисодии мусоидаткунанда муайян гардидаанд;

7. Инчунин аз ҷониби муаллифи диссертатсия модели регрессионии алоқамандии сармоягузории соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар кишвар таҳия карда шуда, дар асоси он мултипликатори кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати сармоягузорӣ арзёбӣ шудааст.

**4. Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо**

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва 197 номгӯи адабиёт иборат мебошад. Ҷанбаҳои таҳлилии диссертатсия тавассути 21 ҷавдвал, 14 формула ва 21 расм инъикос карда шудаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот

асоснок карда шуда, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шудааст (саҳ. 3-14).

**Дар боби аввал** *«Асосҳои назариявӣ-методии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ»* (С. 15-70) аз ҷониби муаллифи диссертатсия асосҳои назариявии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, инчунин равишҳои методии баҳодиҳии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ баррасӣ ва таҳқиқ карда шудаанд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур таҷрибаи хориҷии ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ омӯхта шуда, имконоти татбиқи он дар мамлакат пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф чунин мепиндорад, ки дар шароити имрӯза рушди иқтисод ва соҳаҳои муҳимми он бо ҷалби сармоягузорӣ омили муҳимтарин ва шарти баланд кардани сатҳи фаъолнокии захираҳои сармоягузории соҳаҳои мушаххаси иқтисод барои сармоягузорони потенсиалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки ҷалби сармоягузорӣ шарти асосии фаъолнокии фаъолияти сармоягузорӣ ва асоси амалӣ намудани сиёсати сармоягузории давлат ба ҳисоб рафта, таъминкунандаи истифодаи мақсаднок ва бонизоми неруи табиӣ–захиравӣ аст (саҳ.18).

Бо муаллиф ҳамақида будан мумкин аст, ки ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисодии дилхоҳ давлат омили асосии рушд аз дараҷаи муайяни қобилияти фаъолнокии сармоягузорӣ вобаста аст ва ҳамчун фишанги танзими истифодаи захираҳои пулӣ хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузорӣ тамоми аломатҳои низоми муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегирад, ки дар он субъект (сармоягузор), объекти сармоягузорӣ (соҳаҳо, мисол комплекси энергетикӣ), алоқа байни онҳо (сармоягузорӣ ба мақсади гирифтани даромад) ва фазое, ки онҳо вуҷуд доранд (фазои сармогузорӣ) мебошанд. Ин раванд ба сифати омили худсоз баромад менамояд, зеро тамоми унсурҳои боқимондаро дар як ҷо ҷамъ мекунад (саҳ 26-27).

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ барҳақ дуруст қайд менамояд, ки барои баҳогузории чалби сармоягузорӣ ба соҳаҳо ва афзоиши онҳо зарур аст, ки шарт ва омилҳои ба равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии мамлакат таъсиргузор муайян карда шаванд. Омилҳои асосӣ барои ин, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳо, кам кардани арзиши аслии истеҳсоли неруи барқ, махсусан хароҷоти энергетикӣ, сарфаи энергия, таҷдиди таҷҳизоти технологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва амсоли инҳо, ки тавонанд дар дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ гарониро кам кунанд, ба ҳисоб меравaнд (саҳ. 39).

**Дар боби дуюм** *«Таҳлили вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* (С. 71-125) вазъи имрӯза ва шароитҳои рушди соҳаи энергетика, инчунин имконоти истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия дар боби мазкур кӯшиш ба харҷ додааст, ки самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшавандаро арзёбӣ намояд.

Воқеан, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки буҳрони молиявии иқтисодии ҷаҳонӣ бештар ба кишварҳои рушдёфтаистода ва кишварҳои дар иқтисодиёт гузариш истода таъсири манфӣ гузошта истодааст, ки дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно набуда, махсусан дар соҳаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз таъсири бӯҳрони молиявӣ бархурдор гаштааст. Сармоягузорӣ ба нерӯи барқ ва маводҳои сӯзишворӣ дар дараҷаи муайян аз селаҳои содиротиву воридотии неруи барқ ва сӯзишворӣ вобаста мебошад (саҳ. 78).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори назарраси энергияи барқӣ обиро доро буда, айни замон ҳиссаи камтарини ин иқтидор амалӣ гардида истодааст. Ҳаҷми умумии захираҳои неруи барқи обӣ 527 млрд. кВт/с буда, аз ин миқдор аз лиҳози

техникӣ имконияти истифодабарии 202 млрд. кВт/с–и он мавҷуд буда, аз лиҳози иқтисодӣ созмон додани 172 млрд. кВт/с–и он мувофиқи мақсад мебошад (саҳ .84).

Ҳамчунин дар боби мазкур муаллиф зикр менамояд, ки таҳлили истифодаи захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имконоти бузург ва дар дарёҳои кӯҳӣ ба резиши мақсаднок ва аз лиҳози иқтисодӣ ва мӯҳлати хидмат фоиданок ба ҳисоб меравaнд. Сатҳи пасти таъминии энергетикӣ ва неруи захираҳои обӣ ба мақсади рушди соҳаҳои гидроэнегетика имконият фароҳам мекунад.

Бо муаллифи диссертатсия бояд ҳамақида шуд, ки дар шароити имрӯза масъалаи ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсоли махсулот вазифаи муҳим барои ҷумҳурӣ ва ҳам барои соҳаҳои он ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳалли муаммои ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ ва фаъол кардани захираҳои сармоягузорӣ фаъолияти сармоягузории фоиданокро талаб мекунад. Зеро бо сабабҳои сатҳи ягона надоштани даромаднокии иҷтимоиву иқтисодии истифодаи он барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, таваҷҷуҳ ба масъалаи интихоби стратегияи фаъолсозии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетики таҳким ва густариш меёбад (саҳ. 97).

Муаллиф воқеан дуруст иброз намудааст, ки баҳогузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ муаммои бениҳоят мураккаб буда, усулҳо ва муносибатҳои гуногуни миқдорию сифатиро ҳангоми сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии мамлакат талаб намуда, ба сармоягузории хориҷӣ низ тааллуқ дорад. Ҳангоми баҳодиҳии лоиҳаҳо як қатор шарт ва омилҳои иловагӣ ба миён меоянд, ки онҳоро бояд ба ҳисоб гирифт, хусусан барои ин нишондиҳандаҳои даромаднокии сармоягузориҳои бевосита ва устувор муҳим аст. Аз ин рӯ баҳои даромаднокии дилхоҳ лоиҳаи сармоягузорӣ, аз он ҷумла сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ раванди бетанаффусро тақозо мекунад (саҳ. 114).

**Дар боби сеюм** *«Самтҳои асосии такмилдиҳии нишондиҳандаҳои оморӣи сатҳи зандагии аҳолӣ дар шароити муосир»* (С.126-179) муаллиф

кӯшиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ роҳҳои асосии такмилдиҳии низоми сарчашмаҳои маблағгузории сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намояд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур самтҳои асосии такмилдиҳии механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар зербоби 3.3. –и боби мазкур моделсозии сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллиро анҷом додааст.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия баланд гардидани самаранокии иқтисоди миллӣ, таъмини суръати баланди рушди рақобатпазирии комплекси энергетикӣ аз ҳама бештар аз фаъол будани фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст, ки ба чунин андеша ҳамфикр мебошем (саҳ. 126).

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки вазифаи дарозмуддати мақсадноки сиёсати сармоягузории давлат аз муайяннамоии самтҳои афзалиятноки рушди соҳа ва технологияи пешрафта ва соҳаҳои ояндадори иқтисод иборат мебошад, ки барои ҷалби сармоягузорӣ асос шуда метавонанд. Дар қатори самтҳои асосии рушди соҳа чунин самтҳоро ба инобат гирфтан зарур аст: илм ва технологияи нав, биотехнология ва инжинерия, микроэлектроника ва информатика, технологияи нави сарфакунандаи барқ, таҷҳизоти истеҳсолӣ барои ҳифзи муҳити зист ва ғайра (саҳ. 138).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф зикр шудааст, ки сиёсати сармоягузории давлат барои ҷалби сармоягузории давлатию хориҷӣ ба соҳаҳои энергетикӣ паҳлуҳои васеъ дошта, он иқлими сармоягузории ҷумҳуриро муаррифӣ менамояд, аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин соҳа бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир кунад, зеро дар шароити имрӯза сиёсати сармоягузорӣ ҳанӯз заиф аст. Дар ин самт барои баҳогузории методологии лоиҳаи сармоягузорӣ ба мақсадҳои

молиявӣ, инчунин истифодаи фоиданоки захираҳои буҷетӣ шароит фароҳам овардан зарур аст (саҳ. 157-158).

**Дар хулоса** (С.180-184) натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд. обобщены основные результаты диссертационного исследования.

**5. Камбудиҳои тахқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои дар боло зикршуда таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасоиҳои муайян холӣ нест. Ба андешаи мо, ба сифати камбудиҳо нуктаҳои зеринро зикр намудан мумкин аст:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Аммо, мутаассифона, ба равишҳои методии баҳодиҳии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ кам аҳамият дода шудааст, гарчанде зербоби алоҳида ба масъалаи мазкур бахшида шудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти бархе аз муҳаққиқон ва олимони ватанӣ, ки доир ба ин масъала анҷом дода шудаанд, баррасӣ нагардидаанд;

2. Дар зербоби 1.2.- и диссертатсия (саҳ. 49) аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии беҳсозии фазои сармоягузорӣ барои рушди комплексҳои энергетикӣ дар намуди нақша пешниҳод гардидааст, аммо унсурҳои асосӣ ва ҷанбаҳои муҳими масъала васеъ шарҳ дода нашудаанд;

3. Дар зербоби 2.3. “Баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории дар комплекси энергетикӣ татбиқшаванда” (саҳ. 109) аз ҷониби муаллиф нишондиҳандаҳои асосии лоиҳаҳои сармоягузории соҳавӣ, инчунин усулҳои баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян карда шудаанд, аммо мутаассифона баҳодиҳии самаранокии ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории дар комплекси энергетикӣ татбиқшаванда

анҷом дода нашудааст. Ба андешаи мо, агар аз ҷониби муаллиф дар мисоли лоиҳаҳои сармоягузории алоҳидаи комплекси энергетикӣ чунин баҳодиҳии самаранокӣ анҷом дода мешуд, ҷанбаи амалии кор хеле мукаммал мегардид;

4. Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, нақшаи сохтории ташаккул ва фаъолсозии ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикиро таҳия намудааст. Лекин, унсурҳо ва самтҳои асосии татбиқи он ба таври васеътар шарҳ дода нашудаанд;

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиши моделсозии сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика ва таъсири он ба рушди иқтисодии кишварро амалӣ намудааст, аммо зимни таҳияи модели рушди сармоягузорӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамаи омилҳо ва шароитҳо ба инобат гирифта шудаанд;

6. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, сатҳи баланди иҷроиши таҳқиқот ва аҳамияти амаливу назариявии диссертатсияро кам намегардонанд.

**6. Автореферат** фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

**7. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар

хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешниҳод карда шудааст, кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, фарогири навгониҳои илмӣ баҳри инкишофи илми иқтисодӣ ва амалияи хоҷагидорӣ доир ба масоили таҳқиқшаванда мебошад.

Ба андешаи мо, кори илмию таҳқиқотии Набиев Баҳодур Аҳмадович ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ, муовини аввали вазири Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон** **А.А. Солеҳзода**

**Суроға:** 734002 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 37
Тел/факс: (99237) 227-3434
**E-mail: ashurboy@mail.ru**

Имзои н.и.и., дотсент Солеҳзода А.А. –
ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**